## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. Хуҷанд, 168 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳама давру замон матбуот чун ҷузъи таркибии фарҳангу тамаддун дар рушду инкишофи ҷомеа нақши басо муҳим дорад. Вай ҳамчун василаи иттилоърасонӣ ва ташаккулу табодули афкори иҷтимоӣ таърихи дерина дошта, дар Осиёи Марказӣ дар охири асри XIX ва барои тоҷикон дар ибтидои асри XX ба майдони маънавӣ роҳ ёфт.

Матбуоти даврии тоҷикӣ дар ҳама марҳилаҳои мавҷудияти худ, чун набзи рӯзгор ва инъикосгари ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, адабиву фарҳангии ҷомеа нақши бузург дорад. Дар матбуот дар гузашта ва имрӯз низ барои матраҳ намудани муваффақият, камбудиву норасоии ҷомеа аз шеваи гуногуни баён истифода мегардад. Яке аз маъмултарин шеваи баён, ҳаҷв ва анвои ҳаҷвӣ мебошад. Ҳаҷв дар марҳилаҳои гуногуни матбуоти тоҷик ҳамчун ҷузъи таркибии рӯзномаву маҷаллаҳо арзи ҳастӣ намуда, на танҳо дар ифшои норасоиҳо ва ислоҳи онҳо, балки барои насли имрӯзу оянда сабақҳои касбиву инсониро боқӣ гузоштааст.

Дар ин замина мавзуи интихобнамудаи диссертант «Махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи "Анбӯр"- и нашрияи "Ҳақиқати Суғд" бо назардошти омилҳои таърихӣ, анъанавӣ, сунатҳои эҷоди матолиби ҳаҷвӣ, вижагиҳои шакливу мундариҷавии осори адабӣ-ҳаҷвӣ, сабку шеваи баёни матолиб, раванди инкишофи ҳаҷви матбуотӣ дар робита бо таъсири амиқи сиёсат ва вазъи воқеии марҳилаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муҳим мебошад.

Зарурати интихоб ва баррасии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи зикргардида назари илмиро хостгор буда, махсусиятҳои пайдоиши ҳаҷв, шеваҳои нигориш ва аҳаммияти саҳифаи "Анбӯр"- и нашрияи "Ҳақиқати Суғд", дар бозкушои муҳити иҷтимоии он давра арзиш дорад. Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ба таҳқиқи махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии матолиби ҳаҷвии гӯшаи "Анбӯр"- нашрияи "Ҳақиқати Ленинобод" ("Ҳақиқати Суғд") бахшида шуда, диссертант талош намудааст, ки матолиби ҳаҷвии ин рӯзномаро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Аҳаммияти ин диссертатсия, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он хоса матолиби ҳаҷвии гӯшаи "Анбӯр"-и нашрияи "Ҳақиқати Ленинобод" дар қолаби диссертатсия бори аввал мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ин лиҳоз диссертатсияи мазкур яке аз аввалин пажуҳишҳои мукаммал дар ин самт маҳсуб гардида, барои омӯзиши таърихи журналистикаи тоҷик, назарияи

публитсистикаи ҳаҷвӣ ва таҳаввули анвои ҳаҷвии матбуот аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.Таҳқиқ барои пурра ва ҳаматарафа омӯхтани махсусиятҳои мундариҷавии гӯшаи “Анбӯр”-и рӯзномаи “Ҳақиқати Ленинобод” мусоидат мекунад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Пажуҳиши масъалаҳои мубраме чун таърихи ташаккул ва инкишофи матбуот, вежагиҳо мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи “Анбӯр”-и нашрияи “Ҳақиқати Суғд”, сабку шеваи нигориши матолиби ҳаҷвӣ, сохтори жанрии нигоштаҳои ҳаҷвӣ, анвои ҳаҷвии публитсистӣ ва хусусиятҳои хоси онҳо ва дигар нозукиҳои таълифи матолиби ҳаҷвӣ, нақши матбуот дар раванди ташаккул ва шаклгирии анвои ҳаҷвӣ, таҳаввулоти сохторӣ ва мундаричавии матбуот дар марҳалаи муайяни таърихӣ дар доираи ин кори таҳқиқии диссертатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мавзуи пажуҳиши мазкур ба доираи мавзуъҳо ва масоили таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22 Рӯзноманигорӣ пурра мувофиқат мекунад.

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки таҳлили фарогир ва ҳамаҷонибаи матолиби ҳаҷвии гӯшаи “Анбӯр”-и нашрияи “Ҳақиқати Ленинобод” дар солҳои 1955-1960 дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал анҷом дода мешавад. Илова бар ин дар диссертатсия нақши омилҳои таъсиргузори сиёсиву иҷтимоӣ дар ташаккули низоми матбуоти тоҷик хоса саҳифа ва гӯшаҳои ҳаҷвии нашрияҳо муайян гардида, матбуот ҳамчун василаи рушду ташаккули ҳаҷви публитсистӣ ва анвои ҳаҷвӣ арзёбӣ гардидааст. Ҳамчунин дар ин пажуҳиш ба масъалаҳои заминаҳои пайдоиши матбуоти ҳаҷвӣ ва таъсири онҳо ба матбуоти тоҷик, ташаккули матбуоти ҳаҷвии тоҷик бо назардошти шароити таърихӣ ва ҳамгироии он бо фазои иттилоотии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб ва хулосаю тавсияҳои пешниҳоднамудаи ӯ аз чанд ҷиҳат асоснок гардида, эътимодбахш мебошанд. Пеш аз ҳама, муаллифи диссертатсия дар таҳлилу баррасии мавзуъ ба ҳадди зарурӣ ба осори илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя карда, дар муҳокимарониҳо андешаи хоси худро баён доштааст. Баъдан, андешаҳо ва нуктаи назари диссертант доир ба мавзуи пажуҳиш ва маълумоти пешниҳодкардаи ӯ дар ин замина хушку холӣ набуда, дар заминаи сарчашмаҳои муътамад ифода ёфтаанд. Бандубаст, овардани далелу бурҳонҳо ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия эътимоднок буда, қисме аз онҳо дар интишороти довталаби дараҷаи илмӣ роҷеъ ба мавзуи диссертатсия инъикос ёфтаанд. Дар ин асос метавон гуфт, ки хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи журналистика заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рўйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ва дигар бахшу зербахшҳои зарурӣ муайян шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар рўзномаи «Ҳақиқати Ленинобод», ки аз ду фасл иборат аст, замина ва омилҳои пайдоиши матбуоти ҳаҷвӣ, рушду ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ ва хоса гўшаи ҳаҷвии "Анбўр" мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Фасли аввали боби якум– «Заминаҳои пайдоиши маводди ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод» унвон гирифта, диссертант дар ин қисми кор ба таҳқиқи заминаҳои пайдоиши матолиби ҳаҷвӣ дар нашрияи "Ҳақиқати Ленинобод" таваҷҷуҳ кардааст.

Дар фасли аввал сухан дар мавриди омилҳои пайдоиш ва ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар рўзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" рафта, заминаҳои пайдоиши маводди ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик, мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаи гуногуни инкишофи нашрия маълумоти муфассал дода шудааст.

Диссертант дар ин фасл таъкид менамояд, ки маҳз рўзномаҳо, саҳифаҳо ва гўшаҳои ҳаҷвӣ барои зуҳур ва ташаккулу такомули ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик, бахусус, дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» заминаҳои мусоид гузоштаанд. Хулосаҳои муаллифи рисола доир ба замина ва омилҳои пайдоиши матолиби ҳаҷвӣ дар рўзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" дар ин фасл бомаврид ва асоснок мебошанд.

Дар фасли дуюми боби аввал «Мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи нашрия» диссертант ба масъалаи рушди публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳалаҳои гуногуни фаъолияти рўзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" таваҷҷуҳ карда, дар ин замина маълумоти ҷолиб пешниҳод намудааст. Диссертант аз таъсиси гушаи "Анбўр" ва саҳми он дар рушди публитсистикаи ҳаҷвӣ ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки "публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик заминаи мусоиде фароҳам овард, ки анвои ҳаҷвӣ дар иртибот бо воқеият ва аносири бадей он ҳама иллату камбудиҳои ҷомеаро бозгўй намоянд. Дар ин радиф, матбуоти даврӣ чун яке аз василаҳои муассир ва таъсиррасони рушди публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик хидмати назаррасеро анҷом дода истодааст. Ба ин маънӣ, метавон гўшаи «Анбўр»-ро низ чун яке аз василаҳои таъсиррасони публитсистикаи ҳаҷвӣ шумурд" (с.45).

Боби дуюми диссертатсия «Гўшаи ҳаҷвии «Анбўр» ва мундаричаи он" унвон дошта, он аз 2 фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби дуюм «Омилҳои таъсис ва ташаккули гўшаи «Анбўр» диссертант замина

ва омилҳои таъсис ва рушду ташаккули гӯшаи “Анбӯр”-ро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин фасл низ андеша ва хулосаҳои ҷолиби диссертант мушоҳида мегарданд, ки дар натиҷаи таҳқиқу баррасии ҳаматарафаи мавзуъ ба даст омадаанд. Диссертант дар ин қисмат аз нақши маҷаллаи “Хорпуштак” ва дигар саҳифа ва гушаҳои ҳаҷвие, ки ба таъсиси гушаи ҳаҷвии “Анбӯр” таъсир расониданд ёдовар шудааст. Диссертант чунин хулосагирӣ намудааст, ки “саҳми маҷаллаи «Хорпуштак» дар рушди публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик низ басо назаррас мебошад. Метавон гуфт, ки, пеш аз ҳама, талаботи айём ва қарору қонунҳои ҳукумати Шуравӣ дар он замон асосе барои дар нашрияҳои кишвар таъсис додани саҳифа ва ё гӯшаҳои ҳаҷвӣ гардида будааст. Нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» маҳз бо назардошти таъсири ҳаҷв ва маъруфияти маҷаллаи «Хорпуштак» дар сафҳаҳои хеш гӯшаи «Анбӯр»-ро таъсис намудааст (с.52).

Дар фасли дуюми ин боб таҳлили мундариҷавии гӯшаи “Анбӯр” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант аз таҳқиқу баррасии матолиби ин гӯша ба хулосае омадаст, ки дар он бештар масоили иҷтимоӣ, маишӣ, ахлоқӣ ба таври доимӣ инъикос гардидаанд.

Бино ба таъкиди диссертант хоса дар анвои бадей ва ҳаҷвӣ тасвир яке аз рукнҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки дар аксари навиштаҳои ҳаҷвӣ маҳз тасвирҳои зебои «иллатдор» онҳоро рангину ҷолиб ва хонданӣ мегардонад. Дар ин замина чандин намунаҳо оварда, ин андешаи хешро тақвият мебахшад. Дар хулосаи фасли мазкур диссертант аз масоили иҷтимоӣ, маишӣ ва ахлоқӣ ки беш аз 11 мавзуъро дарбар мегиранд ёдовар шудааст, ки “Анбӯр” он ҳамаро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таносуби жанрии маводди гӯшаи “Анбӯр» ном дошта, он низ аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми он «Камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати амалҳои номатлуб дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ” номгузорӣ гардидааст. Диссертант дар ин фасл аз анвои ҳаҷвии публитсистӣ ёдовар шуда, аз вежагиҳои хоси ҳар яки онҳо маълумот дода, дар ин замина ҳар як анвои ҳаҷвиро дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки қобили қабул аст. Баъди пажуҳиши ин мавзуъ муаллиф ба натиҷае мерасад, ки “«Анбӯр» ҳамеша бар зидди иллату камбудиҳои ҷомеа мубориза бурдааст ва дар ин самт аз тамоми шеваҳои муассири баён ва анвои ҳаҷвии публитсистӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Он ҳама матолиби ҷолиби гӯша, пеш аз ҳама, гувоҳи он аст, ки гӯшаи «Анбӯр»-и рӯзномаи “Ҳақиқати Ленинобод” дар он давру замон худро дар инъикоси ноҷӯриҳои замона мувазզаф шуморида, ба тамоми масоил ва иллатҳои мавҷудаи ҷомеа даxолат намудааст.

Фасли дуюми боби сеюм «Таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистии нашрия» унвон дошта, дар он аз нақши

воқеият ва тахайюл дар таълифи матолиби ҳаҷвӣ диссертант ёдоварӣ намудааст. Пас аз таҳлилу баррасиҳо муаллиф ба натиҷае расидааст, ки маҳз мушоҳидакорӣ ва ҳақиқатнигорӣ барои таъсирбахшу ҷолиб баромадани матолиби ҳаҷвӣ заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Пас аз таҳқиқу баррасии матолиби гӯшаи "Анбӯр" диссертант ба хулосае омадааст, ки дар бештари матолиби ҳаҷвӣ пайванди воқеа, андеша ва аносири ҳаҷвӣ бо унсурҳои бадеият, баёни маҷозии андеша, фикрҳои ҷолиби киноятдор мушоҳида мегарданд.

Вобаста ба мақсади асосии пажуҳиш, ки муайян намудани хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи "Анбӯр"-и нашрияи "Ҳақиқати Суғд" бо дарназардошти омилҳои сиёсиву иҷтимоии замон мебошад, муаллиф ба ҳалли масъалаҳои ба нақша гирифта, муайян намудани вижагиҳои жанрӣ, забон, сабку услуб, истифодаи жанрҳои ҳаҷвӣ дар гӯшаи таҳқиқшаванда кӯшиш намуда, ба хулосаҳои дақиқ расидааст.

Хулосаи диссертатсионии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар 13 банд ҷамъбаст гардида, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант мебошад. Илова бар ин дар охири ҳар банди хулоса ба таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод оварда шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки кори таҳқиқӣ марҳила ба марҳила бо низоми муайян анҷом ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ бардошт аз таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ва масоили меҳварии бобу фаслҳои диссертатсия буда, ҷанбаи қавии назариявию амалӣ доранд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмии назариявию амалӣ ва иҷтимоӣ дошта, пеш аз ҳама, ба ҳалли баъзе масъалаҳои норавшани журналистикаи тоҷик мусоидат менамояд. Ҷустуҷӯҳои назарӣ ва амалии анҷомшуда имкон дод, то дониш ва фаҳмишҳои назариявӣ доир ба моҳияти ҳаҷв, хосса ҳаҷви публитсистӣ, жанр ва анвои он васеъ ва роҳу тариқаҳои илмиву эҷодии ифшои камбудиву норасоиҳои ҷомеа ва танқиду мазаммати онҳо дар асарҳои гуногуни ҳаҷвӣ муайян гардад.

Ҳамзамон аз ин кори таҳқиқӣ ҳангоми омӯзиши таърихи матбуоти тоҷик, таърихи нашрияи "Ҳақиқати Ленинобод", таърихи пайдоиши ҳаҷв дар матбуоти тоҷик, марҳалаҳои ташаккули ҳаҷви публитсистӣ, марҳилаҳои рушди фазои иттилоотии мамлакат, таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, васоиту дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, пажуҳиши таърихи матбуоти маҳаллии кишвар метавон истифода намуд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар суханрониҳо ва мубоҳисаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар ҷаласа, семинарҳои илмӣ-назариявии

кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз қабили коференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи матбуот дар мавзуи «Нақши Қ. Баҳлулзода дар рушди ҳаҷви публитсистӣ» [Хуҷанд, 2021] ва дар Конференсияи байналхалқии илмӣ-амалии «Инновационные подходы в современной науке» дар мавзуи «Нақши рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» дар рушди равобити адабӣ» (Москва, 2025) ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

Диссертатсия ва автореферати Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувоиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021. №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия, новобаста аз он баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, вале дар баробари он муваффақияти кор баъзе камбудиву норасоиро мехоҳем баён намоем, ки барои беҳбудӣ ва сифату пурбории рисола мусоидат мекунанд.

1.Дар таҳқиқ бархе аз маводди ҳаҷвии интихобшуда танҳо тавсиф гардида, таҳлили амиқи жанрӣ ва воситаҳои бадеиву публитсистии онҳо ба таври кофӣ анҷом дода нашудааст.

2.Муаллифони фаъоли гӯшаи «Анбӯр» бештар ба таври тавсифӣ муаррифӣ шудаанд. Агар саҳми ҳар як муаллиф аз рӯйи шумораи мавод, жанрҳои истифодашуда, мавзуъҳои инъикосшуда ва нишондиҳандаҳои оморӣ таҳлил мегардид, арзиши таҳқиқ боз ҳам меафзуд.

3.Дар рисола таснифи жанрии маводди гӯшаи «Анбӯр» пешниҳод шудааст, вале натиҷаҳои он дар шакли ҷадвал, диаграмма ва нишондиҳандаҳои оморӣ (миқдор, фоиз, гурӯҳбандии мавзуӣ) инъикос наёфтаанд. Истифодаи чунин усулҳои таҳлил эътимоднокӣ ва возеҳии натиҷаҳои илмиро боз ҳам таҳким мебахшид.

Камбудиву эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи "Анбӯр"-и нашрияи "Ҳақиқати Ленинобод" ("Ҳақиқати Суғд")» ба талаботи

бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи ватанӣ ва
байналмилалии факултети филологияи рус,
журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии маълумоти олии
"Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон" Муллоев Ш.Б.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Зафар, бинои 229, ҳуҷраи 24
Телефон: 935005750;
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

**Имзои профессор Муллоев Ш.Б.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳои МБТ Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон» Исмоилова М.Н.

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Телефон: +992 (37) 221-35-50; +992 (44) 620-42-33;
E-mail: nauka-rtsu@rambler.ru
«08» августи соли 2026